# ҚАРОРИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-029-и назди
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 15 сентябри соли 2022** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-029 ҳимояи такрории диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо дар мавзӯи «**Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таҳаввули он дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик**», аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа (мушвири илмӣ – Саид Нуриддин Саид - доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ, раиси Кумитаи телевизион радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон), бо тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ва баромади муқарризони расмӣ: Зиёев И. Ғ. доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи диншиносии факултети фалсафаи ДМТ, Султонзода С. А. доктори илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи забони фаронсавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Карамхудоев Ш. доктори илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишкадаи давлатии забонҳои ба номи Сотим Улуғзода, инчунин баромади мутахассисон доир ба мавзӯи баррасишаванда ва муқарризони ғайрирасмӣ: доктори илмҳои фалсафа, профессор Қодиров К. Б. , доктори илмҳои фалсафа, профессор, Музаффарӣ. М., доктори илмҳои фалсафа, профессор Назариев Р. дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулнамудаи Шӯро оид ба диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо, инчунин дурустии навгониҳои илмӣ, аҳамиятнокии хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаи маводи чопиро шунидаю муҳокима намуда,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо дар мавзӯи **«Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таҳаввули он дар фалсафаи**

**асримиёнагии тоҷик»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа, ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои илмӣ, мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ шудаанд.

2. Маводи чопнамудаи муаллиф пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамояд.
3. Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа сарфароз гардонида шавад.
4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қабули ҳамин қарори Шӯрои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳишмандам мавқеашро муайян намояд. Тарафдор – 15 нафар. Муқобил нест. Бетараф нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Раиси Шӯро**: иҷозат диҳед диссертантро барои бо муваффақият ҳимоя намудани диссертатсия табрик ва аъзои шӯроро барои фаъолияти бобарор ташаккур гӯям. Бо ҳамин ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ, доктори
илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадизода Н.Д.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа, профессор Худойдодзода Ф.Б.

15.09.2022